**Суратмаҷлиси № 25**

ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-022

аз 04 марти соли 2021 ш. Душанбе

Иштирок доштанд: аз 21 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионӣ бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми январи соли 2021, № 11 тасдиқгардида 19 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 5 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб меравconfiganд. Пешниҳод шуд, ки ҷаласа кушода эълон карда шавад. Муҳтарам аъзои Шӯро, ягон пешниҳоди дигар нест? Аъзои Шӯро хоҳиш намуданд, ки ҷаласа кушода шавад. Якдилона пешниҳод ҷонибдорӣ карда шуд.

**Рӯзномаи ҷаласа:**

Иваз намудани таърихи рӯзи ҳимоя ва иваз намудани муқарризи расмӣ ба диссертатсияи аспиранти кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Абдуҷалилов Фирдавс Низомович дар мавзӯи **“Журналистикаи интернетӣ дар Тоҷикистон: ташаккул, мушкилот ва дурнамо”** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10. – Рӯзноманигорӣ.

Аз рӯйи масъалаи мазкур раиси Шӯрои диссертатсионӣ, профессор Раҷабов Ҳ. баромад намуда, зикр карданд, ки муқарризи расмии диссертант – доктори илми филология Муллоев Ш. Б. ба ҳайси эксперти шӯрои самти илмҳои забоншиносӣ, адабиётшиносӣ, рӯзноманигорӣ ва тарҷумонии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекунад.

Тибқи муқаррароти Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505) ва Низомномаи шӯрои экспертии Комиссияи олии

аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президети Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 майи соли 2017, №2/5) узви шӯрои экспертӣ наметавонад ба сифати муқарризи расмӣ баромад намояд.

Вобаста ба ин, аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар роҳ додан ба камбудии ҷиддӣ дар мавриди таъйини муқарризи расмӣ ба раис ва котиби илмии шӯрои диссертатсионӣ огоҳӣ эълон шуда, дастур дода шудааст, ки диссертатсияи Абдуҷалилов Фирдавс Низомович дар мавзӯи “Журналистикаи интернетӣ дар Тоҷикистон: ташаккул, мушкилот ва дурнамо” аз нав мавриди баррасӣ қарор дода шавад ва муқарризи расмӣ тибқи муқаррароти Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505) ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор) (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505) таъйин карда шавад.

Инчунин, эълони ҳимояи диссертатсия тибқи банди 41 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор) (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505) дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир карда шавад.

Бо назардошти норасоии мутахассисони дорои дараҷаи илмии доктори илм аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ, мутобиқ будани интишороти муқарризи расмии таъйиншаванда ба мавзӯи диссертатсия ва ба забони давлатӣ таҳия гардидани кори диссертатсионӣ Шӯро бо мактуби дархостӣ аз 3 марти соли 2021, №241/дс ба Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат намуда, таъйин гардидани доктори илмҳои ҳуқуқ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии факултети менеҷмент ва ҳуқуқи тиҷоратии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Меликов Умрилло Асадуллоевичро ба ҳайси муқарризи расмӣ ба диссертатсияи

Абдуҷалилов Фирдавс Низомович дархост намуд. Дар мактуби ҷавобии худ аз 4 марти соли 2021, №118 Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба таъйини Меликов У. А. ба ҳайси муқарризи расмӣ розигӣ додааст.

**Қарор карда шуд:**

1. Таърихи рӯзи ҳимояи диссертатсияи Абдуҷалилов Фирдавс Низомович дар мавзӯи “Журналистикаи интернетӣ дар Тоҷикистон: ташаккул, мушкилот ва дурнамо” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10. – Рӯзноманигорӣ аз 25 феврали соли 2021 ба 10 июни соли 2021 гузаронида шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъйин карда шаванд:

- **Меликов Умрилло Асадуллоевич** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии факултети менеҷмент ва ҳуқуқи тиҷоратии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон;
- **Ҷамолов Илҳом Мазбудович** – номзади илми филологӣ, муаллими калони кафедраи журналистика ва назарияи тарҷумаи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров.

3. Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳандаи диссертатсия – Муассисаи давлатии таълимии “Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода” таъйин карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи минбаъда дар сомонаи КОА назди Президенти ҶТ ва чопи автореферат иҷозат дода шавад;

**Қарор қабул карда шуд:** якдилона.

Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Раҷабов Ҳ.

Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ, дотсент Дӯстзода Ҳ.Ҷ.